# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИД БА МЕРОСГИРӢ ВА ҚАБУЛИ МЕРОС

## Асосҳои меросгирӣ

Тибқи қонунгузории маданӣ меросгирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар яке аз шаклҳои зерин анҷом дода шавад:

- Меросгирӣ дар асоси васиятнома;
- Меросгирӣ дар асоси қонун.

### Бояд донед!

Мерос дар натиҷаи вафоти шахс кушода мешавад. Рӯзи кушодашавии мерос рӯзи вафоти меросгузор мебошад. Вафоткарда эълон намудани шахс низ боиси кушодани мерос мегардад. Дар ин ҳолат, рӯзи кушодашавии мерос рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ дар хусуси вафоткарда эълон гардидани шахс ба ҳисоб меравад.

## Таркиби мерос

Ашё ва молу мулки дигар, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, ки ба меросгузор дар рӯзи кушода шудани мерос тааллуқ доштанд, ба таркиби мерос дохил мешаванд.

### Ба мерос дохил намешавад:

- ҳуқуқи узвият (иштирок) дар ташкилоти тиҷоратӣ ва ташкилоти дигаре, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, агар дар ҳамин Кодекс, қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;
- ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатӣ расонда шудааст;
- ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба алиментдиҳӣ;
- ҳуқуқ ба нафақа, кумаки пулӣ ва пардохтҳои дигар дар асоси қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ;
- ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаре, ки бо шахсияти меросгузор то ҳадде алоқаманданд, ки гузариши онҳо имконнопазир аст ва ё гузариши онҳоро бо тартиби меросгирӣ ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар иҷозат намедиҳанд.

### Меросгирон тибқи васиятнома

- Шахсони воқеи - дилхох шахсоне, ки дар лаҳзаи кушодашавии мерос зиндаанд ва/ё кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модарбуда, ки баъди кушодашавии мерос зинда таваллуд шудаанд;
- Шахсони ҳуқуқӣ - шахсони ҳуқуқие, ки дар рӯзи кушодашавии мерос

фаъолият доранд;
- Давлат.

### Меросгирон тибқи қонун

- Шахсони воқеӣ - шахсоне, ки тибқи қонунгузорӣ ба яке аз навбатҳои меросгирон дохил мебошанд, ки дар лаҳзаи кушодашавии мерос зиндаанд ва/ё кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модарбуда, ки баъди кушодашавии мерос зинда таваллуд шудаанд;
- Давлат, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

### Шахсоне, ки на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба мерос ҳуқуқ надоранд:

- Қасдан меросгузор ё яке аз меросгирони имконпазирро аз ҳаёт маҳрум сохтаанд ё ба ҳаёти онҳо суиқасд кардаанд;
- Қасдан барои амалӣ шудани охирин иродаи меросгузор монеъ гардидаанд ва бо ин роҳ барои ба мерос даъват шудани худ ё шахсони наздикашон ё барои зиёд кардани ҳиссаи меросӣ ба худ ва ё шахсони наздикашон мусоидат кардаанд ё мусоидат карданӣ шудаанд.

### Бояд донист!

Дар сурати набудани васиятнома, меросгирӣ тибқи қонун сурат мегирад.

### Навбати меросгирон тибқи қонун чунин муайян шудааст:

- **Меросгирони навбати якум** - фарзандон (инчунин фарзандхондшудагон), ҳамсар ва падару модар, фарзандхонди меросгузор, инчунин кӯдаки шахси вафоткарда, ки пас аз вафоти ӯ зинда таваллуд шудааст, мебошанд. Наберагони меросгузор ва наслҳои онҳо бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.
- **Меросгирони навбати дуюм** - бародару хоҳарони меросгузор ва ҳамчунин бобою бибӣ ҳам аз тарафи модар ва ҳам аз тарафи падар мебошанд. Фарзандони бародару хоҳарони меросгузор (бародарзода ва хоҳарзодаи меросгузор) бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.
- **Меросгирони навбати сеюм** - бародару хоҳарони падару модари меросгузор (амма, амак, хола ва тағо) мебошанд. Фарзандони амма, амак, хола ва тағои меросгузор бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

**Меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод** - меросгирии ҳиссаи ворисе, ки то кушода шудани мерос вафот кардааст.

**Бояд донед!**

Меросгирони ҳар як навбат дар ҳолати набудани меросгирони навбати пешина, бартараф шудани онҳо аз мерос, аз тарафи онҳо қабул нагардидани мерос ё даст кашидан аз он ҳуқуқ ба мерос доранд.

**Тартиби қабули мерос:**

- Меросгир воқеан меросро қабул менамояд;
- Меросгир бояд барои қабули мерос дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос, ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос муроҷиат намояд.

## Мушкилиҳои дар амалия мавҷудбуда оид ба қабули мерос

Дар таҷриба мушоҳида мешавад, ки шаҳрвандон бо сабаби надонистани қонун ё дигар сабабҳо саривақт барои қабул намудани мерос ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос муроҷиат накарда, муҳлати пешбининамудаи қонунро, ки аз вақти кушодашавии мерос шаш моҳ ташкил медиҳад, мегузаронанд.

**Тарзҳои барқарор кардани ҳуқуқҳо ба мерос:**

- Оид ба муқаррар кардани ҳолати қабули мерос;
- Барқарор кардани меҳлати қабули мерос ва аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф намудани мерос.

**Ҳолатҳое, ки аз тарафи меросгир қабулгардида эътироф намудани мерос, асос мешаванд:**

- шуруъ кардан ба соҳибӣ ё идоракунии молу мулки меросӣ;
- андешидани тадбирҳо оид ба нигаҳдории молу мулки меросӣ, ҳимояи онҳо аз суиқасд ва талаби шахсони сеюм;
- аз ҳисоби худ пардохт намудани хароҷот барои нигаҳдории молу мулки меросӣ;
- аз ҳисоби худ пардохт намудани қарзҳои меросгузор ё қабул намудани воситаҳои пулии ба меросгузор тааллуқдошта аз шахсони сеюм.

### Донистани масъалаи зерин зарур аст!

Дар давоми шаш моҳи кушодашавии мерос, воқеан ба соҳибии молу мулки меросӣ шурӯъ кардан, аз ҳисоби ворис хароҷотҳоро барои нигаҳдории молу мулки меросӣ пардохт намудан, қарзҳои меросгузорро вобаста ба пардохтҳои коммуналӣ ва дигар пардохтҳо пардохт намудан, ин ҳолатҳо асос барои ба тариқи судӣ муқаррар кардани ҳолати қабули мерос шуда метавонад.

## Барқарор намудани муҳлати қабули мерос

Суд муҳлати қабули меросро, ки меросгир бо сабабҳои узрнок гузарондааст, дар асоси аризаи ӯ барқарор карда, меросро аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф менамояд, агар меросгир дар давоми шаш моҳи аз байн рафтани сабаби гузарондани муҳлат ба суд муроҷиат карда бошад.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаиҳои даъвогӣ ба суд оиди ба муқаррар кардани ҳолати қабули мерос, барқарор кардани муҳлати қабули мерос ва аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф намудани мерос оварда шудааст. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намунаҳо истифода баред.

*Намунаи 1*

**Ба суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

**Аризадиҳанда:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Шахси манфиатдор:** Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

**А Р И З А**
**/Оид ба муқаррар кардани ҳолати қабули мерос/**

Квартираи истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____, дар асоси созишнома дар бораи ба моликият супоридани квартира аз санаи 02.05.2018 сол, таҳти феҳрасти №2шд - 484, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тасдиқ карда шудааст, ба падарам __________ *(ному насаби падари аризадиҳанда)* таалуқ дорад.

Созишномаи мазкур дар КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайри манқул"-и шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шуда, оид ба ин шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ таҳти №46661 аз санаи 11.05.2018 сол дода шудааст.

Падарам _________ *(ному насаби падари аризадиҳанда)* дар санаи 30.09.2021 сол вафот кард, ки оид ба ин аз тарафи Бахши САҲШ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе шаҳодатномаи вафот аз санаи 02.10.2021 сол, таҳти сабти №439 дода шудааст.

Пас аз вафоти падарам _________ *(ному насаби падари аризадиҳанда)*, нисбати квартираи истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____, мерос кушода шуд. Ворисони ягонаи навбати аввал ба молу мулки меросӣ ман ба шумор меравам.

Бо сабаби надонистани қонун, дар муҳлати мутобиқи қонун пешбинишуда, барои қабули мерос ба мақомоти нотариалӣ муроҷиат накарда, муҳлатро гузаронидам. Ба муроҷиати ман барои қабули мерос, аз тарафи Идораи нотариалӣ ба ман ҷавоби рад гардонида шуда, тавсия дода шуд, ки ба суд муроҷиат намоям.

*Мутобиқи талаботи қисми 3-и моддаи 1282 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, мерос дар ҳолате низ аз тарафи меросгир қабулгардида эътироф мешавад, ки ӯ амалҳои тасдиқкунандаи қабули воқеии меросро анҷом дода бошад, аз қабили:*

*- шуруъ кардан ба соҳибӣ ё идоракунии молу мулки меросӣ;*

*- андешидани тадбирҳо оид ба нигаҳдории молу мулки меросӣ, ҳимояи онҳо аз суиқасд ва талаби шахсони сеюм;*

*- аз ҳисоби худ пардохт намудани хароҷот барои нигаҳдории молу мулки меросӣ;*

*- аз ҳисоби худ пардохт намудани қарзҳои меросгузор ё қабул намудани воситаҳои пулии ба меросгузор тааллуқдошта аз шахсони сеюм.*

Қайд кардан ба маврид аст, ки пас аз кушодашавии мерос дар давоми шаш моҳи кушодашавии мерос, воқеан ба соҳибии молу мулки меросӣ шурӯъ карда, аз ҳисоби худам хароҷотҳоро барои нигаҳдории молу мулки меросӣ пардохт намуда, қарзҳои меросгузорро вобаста ба пардохтҳои коммуналӣ пардохт намудаам.

*Мувофиқи талаботи қисми 1-и моддаи 269 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд ҳолатҳоеро, ки пайдо шудан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани ҳуқуқҳои шахсӣ ё молу мулкии шаҳрвандон ё ташкилот аз онҳо вобаста аст, муайян менамояд.*

*Мутобиқи банди 9, қисми 2-юми ҳамин модда, суд парвандаҳои муқарраркунанда оид ба ҳолати қабули меросро баррасӣ менамояд.*

Бинобар ҳолатҳои дар боло зикршуда, зарур аст, ки ҳолати қабули мерос аз тарафи ман ба молу мулки меросии пас аз вафоти падарам мондашуда, ки аз квартираи истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____ иборат мебошад, муқаррар карда шавад.

Дар асоси талаботи қисми 3-и моддаи 1282 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 269 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ҳолати қабули мерос, аз тарафи ман, __________ *(ному насаби аризадиҳанда)*, ба молу мулки меросии пас аз вафоти падарам ____________ *(ному насаби падари аризадиҳанда)* гузошташуда, ки аз квартираи истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____ иборат мебошад, муқаррар карда шавад.

**Замима:**

1. 2 нусхаи ариза;
2. Расиди пардохти боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
4. Нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
5. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди аризадиҳанда;
6. Нусхаи шаҳодатномаи вафоти меросгузор;
7. Нусхаи созишнома дар бораи ба моликият супоридани квартира;
8. Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;
9. Нусхаи шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __. ____________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза

*Намунаи 2*

**Ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Аризадиҳанда:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*
**Шахси манфиатдор:** Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**А Р И З А**

**/Дар бораи барқарор кардани муҳлати қабули мерос ва аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф намудани мерос/**

Манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____ дар асоси шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк аз санаи 03 июни соли 2009, таҳти №5591, ки аз тарафи Коммисияи қонунигардонии молу мулки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дода шудааст, ба апаам ____________ *(ному насаби апаи аризадиҳанда)* тааллуқ дорад.

Апаам ____________ *(ному насаби апаи аризадиҳанда)* дар санаи 08 январи соли 2021 вафот кард, ки оид ба ин аз тарафи Бахши САҲШ - и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе шаҳодатномаи вафот таҳти сабти №48 аз санаи 08.03.2022 сол дода шудааст.

Апаам ____________ *(ному насаби апаи аризадиҳанда)* ягон ворнси навбати аввал надошт. Ягона ворнси навбати дуюм ман мебошам. Вақте, ки апаам ____________ *(ному насаби апаи аризадиҳанда)* вафот кард, ман мақсад гузоштам, ки меросро, ки аз манзили истиқоматии дар боло зикршуда иборат мебошад, қабул намоям.

Аммо ба ман маълум гардид, ки апаам ____________ *(ному насаби апаи аризадиҳанда) - ро* шаҳрванд __________ *(ному насаби шаҳрванд)* фиреб карда, бо ӯ шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ баста, хонаашро аз худ карданӣ шудааст.

Ман бо аризаи даъвогӣ ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе муроҷиат намудам ва бо ҳалномаи суд шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ байни апаам *(ному насаби апаи аризадиҳанда)* ва __________ *(ному насаби шаҳрванд)* басташуда беэътибор дониста шуд.

Ҳалномаи мазкур дар санаи 15.02.2022 сол эътибори қонунӣ пайдо кард, ки дар ин вақт аллакай бо сабабҳои дар боло қайдшуда муҳлати қабули мерос, ки дар қисми 4-и моддаи 1282 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, гузашта буд.

Дар айни замон ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи манзили истиқоматии дар боло зикршударо аз Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор карда гирифтам ва ба Идораи нотариалӣ барои қабул намудани молу

мулки меросӣ муроҷиат намудам.

Аммо бо сабабе, ки муҳлати қабули мерос бо сабаби баҳсҳои судӣ аз ҷониби ман гузаронида шудааст, аз тарафи нотариуси давлатӣ ба ман тавсия дода шуд, ки ба суд дар бораи дароз намудани муҳлати қабули мерос муроҷиат намоям.

*Мутобиқи талаботи қисми 2-и моддаи 1283 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд муҳлати қабули меросро, ки меросгир бо сабабҳои узрнок гузарондааст, дар асоси аризаи ӯ барқарор карда, меросро аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф менамояд, агар меросгир дар давоми шаш моҳи аз байн рафтани сабаби гузарондани муҳлат ба суд муроҷиат карда бошад.*

Сабаби гузаронида шудани муҳлати қабули мерос аз ҷониби ман бо сабабҳои узрнок гузаронида шудааст, зеро чӣ тавре, ки дар боло қайд намудам дар вақти кушода шудани мерос баҳси судӣ байни ман ва шаҳрванд Саидова Саида Раҳматулллоевна рафта истода буд. Танҳо пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи дар боло зикршуда, ҳуқуқҳои молу мулкии апаам марҳум Мирзоева Саъбагул ба манзили меросӣ барқарор шуд. Бинобар ин, муҳлати қабули мерос аз ҷониби ман бо сабабҳои узрнок гузаронидашуда ба шумор меравад.

Бо асосҳои дар боло қайдшуда, зарур аст, ки муҳлати қабули мерос аз тарафи ман бинобар сабабҳои узрнок гузаронида шудан барқарор карда шуда, аз ҷониби ман қабулшуда эътироф карда шавад.

Дар асоси қисми 2-и моддаи 1283 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Муҳлати қабули мерос аз ҷониби ман, ___________ *(ному насаби аризадиҳанда)* ба молу мулки меросии пас аз меросгузор ______________ *(ному насаби апаи меросгузор, апаи аризадиҳанда)* гузоштташуда, ки аз манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри ________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____ иборат мебошад барқарор карда шуда, мерос аз ҷониби ман қабулшуда эътироф карда шавад.

**Замима:**

1. 2 нусхаи ариза;
2. Расиди пардохти боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомат;
4. Нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
5. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди аризадиҳанда;
6. Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди меросгузор;
7. Нусхаи шаҳодатномаи вафоти меросгузор;
8. Нусхаи шаҳодатномаи қонунигардонии молу мулк;
9. Нусхаи қарор дар бораи қонунигардонии молу мулк;
10. Нусхаи ҳалномаи суди ноҳияи Шоҳмансур.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __.                    ___________________

(ному насаб)                                        (имзо)

"_____"____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)